*Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-004-и*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)*

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Сафаров Абдумалик Абдусатторвич дар мавзуи «Накши сармоягузории мустакими хориҷӣ дар инкишофи иктисодиёти Ҷумхурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иктисодиёти ҷаҳонӣ.**

**Муҳимияти мазӯи таҳқикоти илмӣ.** Дар раванди ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ сармоягузориҳои хориҷӣ накши на камтар мӯҳимро аз савдои байналмилалии молу хизматрасонӣ дорад. Дар ҷаҳони муосир амалан ягон кишваре боқӣ намондааст, ки дар равандҳои ҳамкориҳои байналмилалии сармоягузорӣ иштирок надошта бошад. Маъмулан, рушди устувори иқтисодӣ бе самаранокии иштирок дар раванди иктисодии ҷаҳонӣ, аз ҷумла бе ҷалби фаъолонаи сармоягузории мустақими хориҷӣ ғайри имкон мебошад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки сармоягузории мустақими хориҷӣ нисбат ба дигар шаклҳои рушди иқтисодӣ як қатор афзалиятҳо дорад: якум, онҳо сарчашмаи иловагии сармоягузории асосиро ба истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ фароҳам меоранд, ки дар баъзе мавридҳо дар шакли интиқоли технология, ноу-хау ва усулҳои навтарини идоракунӣ амалӣ карда мешаванд; дуюм, ба дӯши буҷети давлат, қарзи берунии он бори гарон намегузорад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсия бо тарзи аз муҷаррад (обстракт) ба мушаххас таҳия шуда, ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот вобаста мебошад ва муқаддима, се боби фарогири бандҳо, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашударо дар бар мегирад.

**Дар мукаддима** мубрамии мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқоти илмии проблемаи мавриди омӯзиш асоснок кардашуда, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объекту матлаб, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии диссертатсия, саҳми шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ шарҳ ёфтаанд.

**Дар боби якум – "Асосҳои назариявию методии сармоягузории хориҷӣ ва тамоюлоти инкишофи он"** – назария ва консепсияҳои сармоягузории хориҷӣ ба таври интиқодӣ таҳлилу шаклҳои маблағгузории берунӣ гурӯҳбандӣ шуда, таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи

сохтани ҷиҳатҳои мусбату манфии он, роҳҳои такмили механизми танзими раванди сармоягузорӣ ва унсуру воситаҳои он;

- пешниҳоди варианти мувофиқтари оптималии тақсими маблағҳои ҷалбшуда байни соҳаву минтақаҳои мамлакат.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертант қайд намудааст, ки дар назарияҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла сармоягузории мустақими хориҷӣ, диққати бештар ба муайян кардани зарурату сабабҳои он равона мешавад. Дар ин маврид масъалаҳои моҳияти иқтисодии сармоягузории хориҷӣ, сохтори тақсимоти соҳавӣ ва динамикаи ҷалби он ба соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ аз маркази тадқиқот дур мемонанд. Ҳол он ки ҳар кадом соҳа ва бахши иқтисод ба худ хислатҳои хоси такрорнашаванда доранд, ки ҳангоми таҳлилу баҳогузории саҳми сармояи хориҷӣ дар таъмини инкишофи соҳаҳои ҷудогонаи иқтисоди миллӣ бояд ба эътибор гирифта шаванд (саҳ. 35).

Ғайр аз ин, дар диссертатсия гуфта мешавад, ки таҳлили бештари муфассали масъалаҳои самаранокии истифодаи сармоягузории хориҷӣ, дар навбати аввал сармоягузории мустақими хориҷӣ ва арзёбии саҳми он барои таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии мардум ба мақсад мувофиқ дониста мешавад (саҳ. 83).

Дар баробари ин муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки ҳиссаи сармоягузории мустақими хориҷӣ дар таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, ҳалли масъалаҳои афзалиятноки инкишофи мамлакат ва махсусан, дар соҳаи ҷалби технологияҳои нави инноватсионӣ, дар қиёс бо натиҷаи таҳти назар дошташуда чандон хуб нест ва бинобар ин, барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи сармояи хориҷии андӯхташуда андешидани тадбирҳои иловагӣ тақозо мегардад (саҳ. 95).

Илова бар ин аз тарафи унвонҷӯ қайд гардидааст, ки роҳандозӣ намудани фаъолияти сармоягузорӣ бидуни таҳияи механизми самараноки танзими давлатии он имконнопазир мебошад. Вобаста ба ин ташаккул додани фазои мусоиди ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва сиёсати сармоягузории аз нигоҳи илмӣ асоснокшуда аз омилҳои асосии танзими иқтисоди миллӣ, аз ҷумла раванди сармоягузорӣ арзёбӣ мешаванд. Аҳаммияти омилҳои мазкур хусусан дар давраи гузариш ба иқтисоди сармоягузориву инноватсионӣ афзун мегардад (саҳ. 129).

Собит карда шудааст, ки инкишофи раванди сармоягузорӣ аз тақвияти танзими давлатии ташаккул додану истифодаи самараноки маблағгузорӣ, ислоҳоти ҷиддии системаи молия, бунёди институти

ташкили МОИ паркҳои инноватсионию технологӣ аз нуктаи назари ҷалби СМХ ба иқтисоди миллӣ ҷамъбаст ва имконоти истифодаи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои ниҳодҳои анъанавӣ ва муосири он тавзеҳ гардидаанд.

**Дар боби дуюм – "Вазъи муосир ва арзёбии саҳми сармоягузории мустақими хориҷӣ дар инкишофи иқтисоди кишвар"** – динамика ва сохтори сармоягузории хориҷии андӯхташуда дар тӯли 21 сол (2001-2022) таҳлил гардида, робитаи мутақобили андозаи СМХ ва нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии инкишофи ҷумҳурӣ, асосҳои иқтисодию институтсионалии ташаккули фазои сармоягузорӣ равшан карда шудаанд.

**Дар боби сеюм – "Сиёсати сармоягузорӣ ва механизми танзими раванди сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"** – моҳияти сиёсати сармоягузорӣ, принсипҳо, самтҳои афзалиятноки он, механизми танзими раванди сармоягузорӣ шарҳ дода, роҳҳои тақвияти таъсири воситаҳои он ба зиёд кардани ҳаҷм ва суръати маблағгузории бахши воқеии иқтисод ва соҳаҳои инфрасохторӣ иброз гардидаанд.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии онҳо ифода ёфтаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

Дастовардҳои илмии нисбатан муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардидааст ва онҳоро ба ҳимоя пешниҳод кардааст, аз нуктаҳои зерин иборатанд:

- мураттаб сохтани назарияҳои сармоягузориҳои хориҷӣ, робитаи мутақобилаи онҳо бо амалияи ҷалби СМХ ба иқтисоди миллӣ;
- таҳлили муқоисавии таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи бунёду фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ), паркҳои инноватсионию технологӣ ва истифодаи онҳо ба манфиати ҷалби сармояи хориҷӣ ва ҳамгироии фаъолияти илмию техникӣ ва хоҷагидорӣ;
- арзёбии дараҷаи таъсиррасонии сармоягузориҳои мустақими хориҷии андӯхташуда ба динамикаи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии ҷумҳурӣ;
- арзёбии ҳамаҷонибаи фазои сармоягузории мамлакат дар асоси метод ва нишондиҳандаҳои қиёсии дар илми иқтисод ва таҷрибаи ҷаҳонӣ маъмул;
- таҳлили ҳамаҷонибаи сиёсати муосири сармоягузорӣ, муайян

кафолати давлатӣ ва таъсирбахшии сармояи хориҷӣ ба бозсозии иқтисодиёт вобаста мебошад. Бинобар ҳамин ҳам амалӣ гардонидани сиёсати давлатии сармоягузорӣ ва такмили механизми он ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати иқтисодии давлатии сармоягузорӣ ва такмили механизми он ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати иқтисодии давлат ҳисобида мешавад (саҳ. 141).

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Муқаррароти натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар 9 кори илмии муаллиф, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаву нашриёҳои мансуб ба номгӯи маҷаллаву нашриёҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дарҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ тавсия дода шудааст, ба табъ расидаанд. Ҳаҷми умумии корҳои илмии чопгардида оид ба мавзӯи диссертатсия 3,8 ҷ.ч. ташкил медиҳад.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дастовардҳои илмии дар диссертатсия дарҷ гардида, ба талаботи шиносномаи таҳқиқоти илми ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба бандҳои 7.2 – Таъмини инкишофи босуботи иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ; 7.3 – Стратегияи миллии рушди иқтисодӣ; 8.2 – Танзими раванди иқтисодӣ дар сатҳи миллӣ ва байналхалқӣ; 15 – Ҷараёни (селҳои) байналхалқии сармояи қарзӣ, сармоягузориҳои мустақим ва портфелӣ, мушкилоти танзими онҳо дар сатҳи миллӣ ва ҷаҳонӣ мутобиқат дорад.

**Мутобиқати тахассуси илмии шахсони довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисосе, ки онҳо ба он довталабанд.** Тахассуси илмии Сафаров Абдумалик Абдусатторович довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ мутобиқат мекунад.

Ба андешаи мо дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, диссертатсияи тақризшаванда дорои як қатор камбудию норасогиҳо мебошад, ки аз инҳо иборат аст:

1. Мутаасифона навгониҳои илмӣ ба таври зарурӣ васеъ кушода нашудаанд, ҳарчанд дар кори диссертатсионӣ таҳлилҳо гузаронида шудааст;

2. Қисмати назариявии кори диссертатсионӣ дар сатҳи хуб навишта шуда бошад ҳам, аммо мутаасифона диссертант фарзияҳои олимони ватаниро кам истифода бурдааст;

3. Хуб мешуд, ки агар дар кори диссертатсионӣ нақши

сармоягузории хориҷӣ дар нобаробарии рушди минтақаҳои кишвар нишон дода мешуд;

4. Мавзӯи кори диссертатсионӣ ба таҳлили сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ бахшида шудааст, аммо унвонҷӯ калимаҳои маблағгузорӣ ва сармоягузориро ҳаммаъно нишон медиҳад, ки ин нодуруст мебошад;

5. Унвонҷӯ дар кори илмӣ сармоягузории мустақими хориҷиро бо назардошти рушди ояндаи кишар таҳлил намудааст. Хуб мешуд агар унвонҷӯ фаъолияти корхонаҳои мушаххасро таҳлил намуда, ояндабинии рушди онҳоро баррасӣ менамуд;

6. Таркиби кор дорои баъзе ғалатҳои техникӣ, граматикӣ ва оройшӣ мебошад.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки диссертатсияи Сафаров Абдумалик Абдусатторович ба камбудиҳои номбаркардашуда нигоҳ накарда, дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботҳои мавҷуда мебошад.

Умуман, диссертатсия дар мавзӯи “Нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба талаботҳои муқарраршуда мутобиқ буда, муаллифи он, Сафаров Абдумалик Абдусатторович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи иқтисодиёт ва менеҷменти
филиали ДМТТ “МИСИС” дар
шаҳри Душанбе Салиева Ҳ.Ш.

**Нишонӣ:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Назаршоева, 7.
**Тел.:** +992(37)222.20.00, **факс:** +992(37)222.20.08,
**Сомона:** http://www.df.misis.ru, **E-mail:** ttucdo@mail.ru
**E-mail:** shilola.86@mail.ru, **Тел.:** +992 (93) 323.22.22

«Имзои Салиева Ҳ.Ш. – ро тасдиқ мекунам»
Сардори ШК Филиали ДМТТ “МИСИС”
дар шаҳри Душанбе Зарипова М.А.
10.09.2024с.

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ